ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

ба диссертатсияи Зикруллоҳзода Фарҳод Зикруллоҳ дар мавзуи «Нақши бозиҳои дидактикӣ дар таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаҳои таълимии таҳсилоти олӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. Педагогика (5.3.5.9. Назария ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (забони англисӣ)) пешниҳод гардидааст

Татбиқи ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ барои давраи то соли 2030 зарурати ҷустуҷӯ, асосноккунӣ ва татбиқи технологияҳои самараноки педагогиро тақозо менамояд. Бинобар ин, истифодаи бозиҳои дидактикӣ ҳамчун воситаи фаъолгардонии фаъолияти таълимию маърифатӣ, ташаккули ангезаи омӯзишӣ ва рушди салоҳияти муоширатии таълимгирандагон аҳаммияти махсус пайдо мекунад.

Лозим ба таъкид аст, ки масъалаи истифодаи бозӣ дар таълими забонҳои хориҷӣ дар адабиёти илмии педагогӣ ва методӣ аз ҷанбаҳои гуногун баррасӣ шудааст. Бо вуҷуди ин, муайян намудани асосҳои назариявию методологии истифодаи низомноки бозиҳои дидактикӣ, таҳияи меъёрҳои интихоби онҳо, муайян намудани шароити педагогӣ барои татбиқ ва арзёбии самаранокии онҳо дар зинаҳои гуногуни таҳсилот то ҳоло ҳамчун масъалаи муҳимми илмӣ ба ҳисоб меравад. Диссертатсияи Зикруллоҳзода Фарҳод Зикруллоҳ айнан ба ҳалли ҳамин масъала равона гардида, муаллиф кӯшиш намудааст, ки бозиҳои дидактикиро ба сифати ҷузъи таркибии низоми методии таълими забони англисӣ баррасӣ намояд. Бинобар ин, мавзуи интихобшуда мубрам буда, ба талаботи муосири рушди назария ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ ҷавобгӯ мебошад.

Дар муқаддимаи диссертатсия муаллиф мубрамияти мавзуъ, дараҷаи таҳқиқи масъала, ихтилофоти мавҷуда, мақсад, вазифаҳо, объект, предмет, фарзияи илмӣ ва асосҳои методологии таҳқиқотро муайян намудааст. Ҷиҳати мусбати таҳқиқот дар он аст, ки масъалаи илмӣ аз таҳлили ихтилофот байни талаботи муосири таълими забони англисӣ ва нокифоя будани асосҳои низомноки истифодаи бозиҳои дидактикӣ бароварда шудааст.

Мақсади таҳқиқот аз асоснок намудани заминаҳои назариявию методологии истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар зинаҳои гуногуни таълими забони англисӣ, таҳияи низоми методии интихоб ва татбиқи онҳо, инчунин санҷиши таҷрибавии самаранокии низоми пешниҳодшуда иборат мебошад.

Вазифаҳои таҳқиқот ба омӯзиши асосҳои назариявӣ, муайян намудани принсипҳо ва шароити педагогӣ, таснифоти бозиҳои дидактикӣ, таҳияи низоми методӣ ва санҷиши таҷрибавии натиҷаҳои он равона гардидаанд.

Фарзияи илмии таҳқиқот ба он андеша такя менамояд, ки самаранокии бозиҳои дидактикӣ дар сурати истифодаи мақсаднок, пайдарпай ва мутобиқ ба хусусиятҳои таълимгирандагон баланд мегардад.

Дар умум, байни мақсад, вазифаҳо, предмет ва фарзияи таҳқиқот робитаи мантиқӣ ба назар мерасад. Арзиши илмии диссертатсия, пеш аз ҳама, дар кӯшиши муаллиф ба низоми ягона даровардани асосҳои назариявию методологии истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар таълими забони англисӣ зоҳир мегардад.

Дар рисола якчанд принсипҳо, меъёрҳои интихоб ва шароити педагогии истифодаи бозиҳои дидактикӣ пешниҳод гардида, вобастагии онҳо ба мақсади таълим, хусусиятҳои маводи забонӣ, намудҳои

фаъолияти нутқӣ ва сатҳи омодагии таълимгирандагон асоснок карда шудааст.

Яке аз ҷанбаҳои асосии таҳқиқот пешниҳоди механизми методии гузариши пайдарпай аз азхудкунии маводи забонӣ ба амалияи забонӣ, аз он ба вазифаи бозигарона, минбаъд ба амали нутқӣ ва ҳамкории муоширатӣ мебошад. Ин механизм кӯшиши назариявии шарҳ додани робитаи байни азхудкунии донишҳои забонӣ ва истифодаи амалии онҳоро дар фаъолияти муоширатӣ ифода менамояд.

Ҷиҳати дигари муҳим ин таҳияи чунин низоми методӣ мебошад, ки ҷузъҳои мақсадӣ, мазмунӣ, ташкилию технологӣ ва натиҷавию арзёбиро муттаҳид месозад.

Муаллиф инчунин марҳилаҳои татбиқи низоми пешниҳодшударо таҳия намуда, дар он ташхис, мақсадгузорӣ, интихоб ва мутобиқсозии бозӣ, ташкили фаъолият, назорат, бозхӯрд, рефлексия ва арзёбии натиҷаҳоро пешбинӣ кардааст.

Диссертатсия аз муқаддима, панҷ боб, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои илмию методӣ, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат мебошад.

Боби якум зери унвони «Ҷанбаҳои назариявии истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар таълими забонҳои хориҷӣ» ба таҳлили асосҳои назариявии фаъолияти бозӣ, технологияи истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар шароити билингвизм ва имкониятҳои дидактикии онҳо бахшида шудааст. Дар он муаллиф кӯшиш намудааст, ки моҳияти бозиҳои дидактикиро дар робита бо қонуниятҳои фаъолияти маърифатӣ, хусусиятҳои омӯзиши забони хориҷӣ ва зарурати ташкили муҳити фаъоли муоширатӣ шарҳ диҳад.

Аҳаммияти ин боб дар фароҳам овардани заминаи назариявӣ барои баррасии минбаъдаи масъала мебошад. Аз ҷумла, таваҷҷуҳ ба шароити дузабона барои муҳити таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим аст, зеро

забони англисӣ дар бисёр ҳолатҳо дар заминаи забони модарӣ ва таҷрибаи омӯзиши забони дигар аз худ карда мешавад.

Боби дуюм таҳти унвони «Истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар марҳилаи ибтидоии таълими забони англисӣ» хусусиятҳои истифодаи бозиҳоро дар марҳилаи ибтидоии омӯзиши забон фаро мегирад. Дар боби мазкур имкониятҳои бозиҳои дидактикӣ ҳамчун фаъолияти таълимӣ, хусусиятҳои интихоби онҳо ва афзалиятҳои истифодаи бозӣ ҳамчун усули фаъоли таълим баррасӣ шудаанд.

Ҷиҳати мусбати боб дар он аст, ки дар зербахши мазкур аз ҷониби муаллифи рисола таваҷҷуҳ ба хусусиятҳои синнусолӣ, ангезаи омӯзишӣ ва зарурати мувофиқати фаъолияти бозӣ ба мақсадҳои мушаххаси забономӯзӣ дода шудааст.

Боби сеюм «Хусусиятҳои таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии забонӣ» унвон гирифтааст, ки ба масъалаҳои методологӣ, барномаҳо ва равияҳои муосири таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии забонӣ бахшида шудааст. Дар ин қисмат муаллиф хусусиятҳои таълими забони англисиро дар муҳити таҳсилоти олии забонӣ баррасӣ намуда, заминаҳои методологии ташкили раванди таълимро таҳлил кардааст. Мазмуни боб барои фаҳмидани хусусиятҳои омодагии забонии донишҷӯёни ихтисосҳои забонӣ аҳаммияти махсус дорад.

Боби чорум дар мавзуи «Бозиҳои забонӣ ва хусусиятҳои истифодаи онҳо дар таълими забони хориҷӣ» масъалаҳои истифодаи бозиҳои забонӣ, хусусиятҳои таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии ғайризабонӣ, кори мустақилонаи донишҷӯён ва технологияҳои муосири таълимро фаро мегирад. Аҳаммияти боб дар он аст, ки муаллиф масъалаи истифодаи бозиҳои забониро бо шароити таълими донишҷӯёни ихтисосҳои ғайризабонӣ алоқаманд месозад. Баррасии кори мустақилонаи донишҷӯён низ муҳим мебошад, зеро рушди мустақилияти

маърифатӣ ва қобилияти истифодаи забони англисӣ берун аз машғулият яке аз вазифаҳои асосии таълими муосир ба ҳисоб меравад.

Боби панҷум таҳти унвони «Технологияи истифодабарии бозиҳои дидактикӣ дар ҷараёни таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии ғайризабонӣ» қисми асосии амалӣ ва озмоишии диссертатсияро ташкил медиҳад. Дар ин боб технологияҳои муосири таълими забони англисӣ, таҷрибаи истифодаи бозиҳои дидактикӣ ва натиҷаҳои озмоиши педагогӣ баррасӣ шудаанд. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки низоми методии пешниҳодшударо дар шароити воқеии таълим татбиқ намуда, натиҷаҳои онро бо истифодаи нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва усулҳои оморӣ арзёбӣ намояд.

Дар маҷмуъ, сохтори диссертатсия нишон медиҳад, ки масъала аз ҷанбаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалӣ таҳқиқ карда шудааст.

Яке аз ҷанбаҳои муҳимми диссертатсия ташкили озмоиши педагогӣ дар заминаи Донишгоҳи давлатии Данғара мебошад. Барои арзёбии натиҷаҳо чор меъёри асосӣ (забонӣ, нутқию коммуникативӣ, фаъолиятӣ-мустақилона ва ангезишӣ-рефлексивӣ) истифода гардидаанд. Маълумоти дар рисола пешниҳодшуда барои асоснок намудани самаранокии низоми методии муаллифӣ дар шароити мушаххаси озмоиш чун далели муҳим ба ҳисоб мераванд.

Аҳаммияти назариявии диссертатсия дар мушаххас намудани моҳият ва имкониятҳои педагогии бозиҳои дидактикӣ, банизомдарории принсипҳо ва шароити истифодаи онҳо, инчунин таҳияи механизми методии интиқол аз донишҳои забонӣ ба фаъолияти муоширатӣ ифода меёбад. Натиҷаҳои назариявии таҳқиқот метавонанд барои такмили тасаввуроти илмӣ оид ба нақши бозиҳои дидактикӣ дар низоми усулҳои фаъоли таълими забонҳои хориҷӣ истифода шаванд.

Аҳаммияти амалии рисола дар пешниҳоди низоми методӣ, марҳилаҳои татбиқи он, маҷмуи бозиҳои дидактикӣ ва тавсияҳои илмию

методӣ зоҳир мегардад. Маводи пешниҳодшуда метавонад барои омӯзгорони забони англисӣ, муаллифони дастурҳои таълимию методӣ ва таҳиягарони барномаҳои таълимӣ муфид бошад. Бо шарти мутобиқсозӣ, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар такмили методикаи таълими забони англисӣ дар зинаҳои гуногуни таҳсилот мавриди истифода қарор гиранд.

Автореферати диссертатсия мазмуну муҳтавои асосии таҳқиқот, мубрамияти мавзуъ, мақсаду вазифаҳо, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявию амалӣ ва натиҷаҳои асосии илмиро ба таври мухтасар, мантиқӣ ва пайдарпай инъикос менамояд. Аз ҷумла, дар он ба низоми методии истифодаи бозиҳои дидактикӣ, шароити педагогии татбиқи он ва натиҷаҳои озмоиши педагогӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шудааст.

Аз рӯйи мавзуи таҳқиқот 20 интишороти илмӣ, аз ҷумла 17 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи ба феҳристи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшуда ва 3 мақола дар маҷмуаи маводи конференсияҳо нашр шудаанд. Ин маълумот аз фаъолияти интишоротии унвонҷӯ дар доираи мавзуи таҳқиқот шаҳодат медиҳад.

Дар баробари дастовардҳои назарраси илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалӣ, ба сифати эрод чанд нуқтаро таъкид кардан ба манфиати кор хоҳад буд:

1) Бо дарназардошти он ки таҳқиқот зинаҳои гуногуни таҳсилотро фаро мегирад, пешниҳоди тавсияҳои мушаххаси методӣ оид ба мутобиқсозии бозиҳои дидактикӣ ба хусусиятҳои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ арзиши амалии рисоларо боз ҳам афзун мегардонид.

2) Дар диссертатсия намудҳои гуногуни бозиҳои дидактикӣ, аз ҷумла бозиҳои забонӣ, нутқӣ ва нақшӣ мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифтаанд. Ба андешаи мо, пешниҳоди таснифоти ҷамъбастии онҳо дар

шакли ҷадвал ё нақшаи сохторӣ барои дарки боз ҳам равшантари хусусиятҳо ва робитаи байни ин намудҳои бозӣ мусоидат менамуд.

3) Дар қисми озмоишии таҳқиқот натиҷаҳои истифодаи бозиҳои дидактикӣ аз рӯйи меъёрҳои муайян таҳлил ва ҷамъбаст гардидаанд. Дар баробари ин, пешниҳоди намунаҳои бештари машғулиятҳои амалӣ ва натиҷаҳои онҳо метавонист имкониятҳои татбиқи методикаи пешниҳодшударо боз ҳам возеҳтар нишон диҳад.

Бояд таъкид намуд, ки эродҳои зикршуда бештар хусусияти тавсиявӣ дошта, ба арзиши илмӣ, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот ва натиҷаҳои асосии бадастовардаи муаллиф таъсири ҷиддӣ намерасонанд. Баръакс, онҳо метавонанд барои такмили минбаъдаи таҳқиқот ва густариши имкониятҳои истифодаи амалии натиҷаҳои он мусоидат намоянд.

Мазмуни диссертатсия ба масъалаҳои назария ва методикаи таълими забони англисӣ, аз ҷумла интихоби усулҳо ва воситаҳои таълим, таҳияи технологияҳои педагогӣ, ташкили фаъолияти нутқӣ ва арзёбии натиҷаҳои омӯзиш алоқаманд мебошад. Аз ин ҷиҳат, самти асосии таҳқиқот ба ихтисоси илмии 5.3.5.9 — Назария ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (забони англисӣ) мувофиқат менамояд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Зикруллоҳзода Фарҳод Зикруллоҳ дар мавзуи «Нақши бозиҳои дидактикӣ дар таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаҳои таълимии таҳсилоти олӣ», ки аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.9 — Назария ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (забони англисӣ) пешниход гардидааст, аз руйи мубрамият, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявию амалӣ, инчунин дараҷаи асоснокии хулосаҳо ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Чумхурии Точикистон аз 28 августи соли 2026, №591 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти

дарачаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

Муқарризи расмӣ:

Абдуллоева Меҳриниссо Абдуғаффоровна
доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷӣ, декани факултети забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Имзои профессор М.А.Абдуллоеваро тасдиқ мекунам.
Муовини сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси МДТ “ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” Наврӯззода Э.М.

Суроға:
735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хуҷанд гузаргоҳи Мавлонбеков, 1;
МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”
Тел: (992-3422) 6-52-73.
E-mail: rector@hgu.tj, www.hgu.tj

“22” октябри соли 2026.